**“Тасдиқ шудааст”**
Бо қарори Шӯрои нозирони
Хазинаи суғуртаи амонату
пасандозҳои Тоҷикистон
№ 12, аз «14» ноябри 2024с.

# Сиёсати сармоягузории
# Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон

Сиёсати сармоягузории Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд-Сиёсати сармоягузорӣ) мутобиқи моддаҳои 6 ва 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" (минбаъд - Қонун) таҳия гардида, асосҳои сиёсати сармоягузорӣ ва идоракунии сандуқи сармоягузории Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистонро (минбаъд – Хазина) муайян менамояд.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Хазина барои идоракунии умумии маблағҳои Хазина ва андӯхти молу мулки худ, фаъолияти сармоягузорӣ, идора ва ҷойгиркунии маблағҳоро ба роҳ мемонад.

2. Идоракунии босамари маблағҳои Хазина бо мақсади таъмини эътимоднокии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ба роҳ монда мешавад.

3. Маблағи Хазина аз пардохтпулиҳои ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина, даромад аз сармоягузорӣ, маблағи қарзи гирифташуда, аз ҷумла маблағҳое, ки аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарз гирифта мешаванд, маблағи аз рӯйи иҷрои ӯҳдадориҳои Хазина бадастомада, аз ҷумла аз рӯйи ҷубронпулии ба пасандоздорон пардохташуда, ки манфиатҳои онҳо мутобиқи Қонун ба Хазина вогузор шудааст, инчунин аз маблағҳое дигаре, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, иборат мебошад.

4. Хазина дар Бонки миллии Тоҷикистон суратҳисобҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, инчунин феҳристи маҳфуздоранда дорад, ки дар он маблағҳои молиявии Хазина бояд нигоҳ дошта шаванд. Суратҳисобҳои Хазина барои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ва хароҷоти амалиётии он пешбинӣ шуда, метавонанд дар ташкилотҳои қарзӣ ва дар бонк-агентҳо кушода шаванд.

5. Контрагенти амалиётҳои асъории Хазина ҳангоми хариду фурӯши асъори хориҷӣ Бонки миллии Тоҷикистон мебошад.

6. Масъулият барои сармоягузорӣ ва идоракунии хавфҳо тибқи Сиёсати сармоягузории мазкур ва Қонун, бо назардошти маҳдудияти нишондиҳандаҳои мақсаднок ва тақсимоти дороиҳо, ки аз ҷониби Шӯрои нозирони Хазина тасдиқ карда шудааст, ба зиммаи Раиси Хазина вогузор карда мешавад.

## 2. Воситаҳои сармоягузорӣ

7 . Хазина метавонад маблағҳои худро танҳо ба воситаҳои зерин сармоягузорӣ намояд:

- коғазҳои қиматноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар дохил ва хориҷи кишвар бо пули миллӣ ё асъори хориҷӣ бароварда шудаанд, аз ҷумла векселҳои давлатии хазинадорӣ ва вомбаргҳо;
- коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон;
- коғазҳои қиматноки давлатҳои хориҷӣ ё бонкҳои марказии (миллии) хориҷӣ, ки рейтинги баланд доранд;
- амонатҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ;
- коғазҳои қиматноки созмонҳои молиявии байналмилалӣ, ки дорои яке аз ду рейтинги баландтарини агентиҳои рейтингӣ мебошанд;
- коғазҳои қиматноки созмонҳои молиявии байналмилалӣ, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмиядори онҳо мебошад.

Дорои рейтинги баландтарин он коғазҳои қиматноки хориҷие ҳисобида мешаванд, ки дорои рейтинги баландтарини яке аз ширкатҳои рейтингӣ - “S&P” ё рейтинги ба ин баробари ширкатҳои “Moody’s” ва ё “Fitch” мебошанд.

8. Маблағи Хазина метавонад бо сомонӣ ва ё асъори хориҷӣ, ки дар он ухдадориҳои эҳтимолии (потенсиалии) Хазина аз 5 (панҷ) фоизи ҳаҷми умумии ухдадориҳои эҳтимолии Хазина зиёд аст, сармоягузорӣ карда шавад. Ухдадориҳои имконпазир маблағи умумии пасандозҳои ҷуброншаванда мебошанд, ки аз ҷониби Хазина суғурта шудааст.

## 3. Принсипҳои сармоягузорӣ

9. Принсипҳои сармоягузорӣ тибқи тартиби афзалиятнокӣ чунинанд:

- бехатарӣ. Маблағҳои Хазина бояд чунин сармоягузорӣ карда шаванд, ки бехатарии сармояро таъмин намоянд;
- пардохтпазирӣ. Сармоягузорӣ бояд ба дороиҳои аз лиҳози бозоргирӣ ва пардохтпазирӣ дараҷаи баланддошта равона гардад, ки ба Хазина имконияти иҷрои ухдадориҳои мавҷуда ва ухдадориҳои кӯтоҳмуддати шартии худро бо мурури фаворасии муҳлати пардохти онҳо диҳад;
- даромаднокии сармоягузорӣ. Идоракунии Хазина бо мақсади гирифтани даромади оқилона, бо дарназардошти мақсадҳои асосии таъмини бехатарӣ ва пардохтпазирии сандуқи сармоягузорӣ анҷом дода мешавад.

10. Қабули қарор оид ба сармоягузории маблағҳои Хазина бо дарназардошти арзёбии хавфи ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина, амалӣ карда мешавад.

## 4. Шартҳои нигоҳдории маблағҳои Хазина

11. Маблағҳои молиявии Хазина то вақте, ки онҳо ба Хазина барои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ё иштирок дар батанзимдарории ташкилоти қарзии узви Хазина тавассути маблағгузорӣ дар

шакли муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим нашаванд, чунин нигоҳдорӣ карда мешаванд:

- бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, ки қисми сабади асъории СДР буда, аз ҳисоби маблағҳои дар банди 3 Сиёсати сармоягузорӣ нишондодашуда ҷамъ карда шудаанд;

- дар воситаҳои молиявие, ки дар банди 7 Сиёсати сармоягузории мазкур зикр шудаанд, бо шарте, ки коғазҳои қиматноки бо пули миллӣ ифодаёфта даромади одилона ба даст оварда, шартҳои рақобат ва меъёрҳои миёнаи бозори пулии дохилиро инъикос мекунанд ва бо дурнамои таваррум дар давраи дахлдори пардохт ё меъёри Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқ мебошанд;

- дар феҳристи маҳфуздорандае, ки дар дигар ташкилотҳои қарзӣ кушода шудааст ва дар маҳфуздорандае, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон ҳамчун дорандагони портфели коғазҳои қиматноки Хазина тасдиқ карда шудаанд ва ба дороиҳои молиявии Хазина дохил карда мешаванд.

12. Нигоҳ доштани маблағҳои Хазина бо асъор ва/ё воситаҳое, ки ба талаботи банди 11 Сиёсати сармоягузорӣ мухолифанд, иҷозат дода намешавад.

## 5. Сохтор ва сатҳи идоракунӣ

13. Шӯрои нозирони Хазина шартҳоро барои идоракунии дурусти маблағҳои сармоягузорӣ муқаррар менамояд.

14. Сохтори идоракунӣ. Хазина тибқи принсипи "боло–поён" сохтори чорсатҳаи раванди қабули қарорҳоро дорад, аз ҷумла:

- сатҳи якум - Шӯрои нозирон;
- сатҳи дуюм - Раиси Хазина;
- сатҳи сеюм - Кумитаи сармоягузорӣ;
- сатҳи чорум - воҳидҳои сохтории амалиётӣ.

1) Шӯрои нозирон дорои чунин ваколат мебошад:

- тасдиқи Сиёсати сармоягузорӣ ва асосҳои идоракунии он;
- тасдиқ кардани тартиби фаъолияти Кумитаи сармоягузорӣ бо низомномаи он;
- муқаррар кардани меъёрҳои ҳудуди хавф (лимит) барои идоракунии маблағҳои Хазина ва ҳудуди тағйирёбӣ аз ҷойгиркунии мақсадноки дороиҳо;
- тасдиқи рӯйхати контрагентҳои салоҳиятнок, ташкилотҳои қарзӣ ва маҳфуздоранда барои воситаҳои молиявӣ дар раванди сармоягузорӣ;
- баррасии ҳисоботҳои сармоягузорӣ ва ҳисоботи идоракунии хавфҳо, ки бояд маълумотро барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва меъёрҳои муқарраршуда дар бар гирад;
- қабули қарор дар бораи механизми идоракунии хавфҳо барои фаъолияти сармоягузории Хазина.

2) Раиси Хазина дорои ваколатҳои зерин аст:

- таҳия ва ба Шӯрои нозирон пешниҳод кардани сиёсати сармоягузорӣ;
- таъмини назорати ҷорӣ ва мониторинги самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ;

- баррасӣ ва таҳлили маълумот ҷиҳати таъмини риояи ҳадаф ва меъёрҳои (лимит) сармоягузорӣ, ки аз ҷониби Шурои нозирон муқаррар карда шудаанд;

- ба имзо расонидани қарордодҳои сармоягузорӣ ва амалиётҳое, ки аз ҷониби корманди масъули сармоягузорӣ гузаронида шудаанд;

- идораи хавфҳои амалиётӣ ва мутобиқатии фаъолияти сармоягузорӣ ба қонунгузорӣ;

- пешниҳоди ҳисобот ба Шӯрои нозирон оид ба мавқеи сармоягузорӣ, риояи нишондиҳандаҳои мақсадноки ҷойгиркунии дороиҳо ва меъёрҳои аз ҷониби Шӯрои нозирон муқаррар кардашуда.

3) Кумитаи сармоягузорӣ (минбаъд – Кумита). Мақсади асосии Кумита аз идоракунии босамари раванди сармоягузорӣ, ҳамоҳангсозии фаъолият ва назорати сандуқи сармоягузории Хазина иборат аст. Ҳайат, вазифаҳо ва тартиби фаъолияти Кумита дар низомномаи он муайян карда мешавад.

Кумита дорои чунин ваколат мебошад:

- баррасии нақшаи сармоягузории маблағҳои Хазина барои давраҳои кутоҳмуддат ва миёнамуҳлат;

- таҳлили вазъи бозорҳои дохилӣ ва берунӣ, ҷамъбасткунӣ ва омодакунии таклифҳо ҷиҳати муқарраркунии самтҳои асосии сиёсати маблағгузории ҷории Хазина;

- қабули қарор ва омода кардани таклифҳо барои тасдиқ аз ҷониби раиси Хазина оид ба ҷойгиркунии ҷорӣ ва стратегии дороиҳои Хазина;

- гузаронидани мониторинг ва пешниҳоди стратегияи ҷойгиркунии ҷории дороиҳо барои сармоягузорӣ;

- таклифи пешниҳодҳо оид ба ҷойгиркунии мақсадноки дороиҳо ва меъёрҳо (лимит);

- ба Шӯрои нозирон пешниҳоди ҳисобот оид ба тағйиротҳои назаррас дар бозорҳо ва дигар омилҳо, ки барои расидан ба мақсадҳои сармоягузории Хазина метавонанд таъсир расонанд;

- дигар вазифа ва ваколатҳое, ки метавонанд ба Кумита вогузор карда шаванд.

4) Воҳидҳои сохтории Хазина оид ба сармоягузорӣ, ки бевосита барои татбиқи Сиёсати сармоягузорӣ масъул мебошанд. Воҳидҳои сохтории мазкур аз инҳо иборат аст:

а) мутахассиси соҳаи сармоягузорӣ, ки уҳдадориҳои он чунинанд:

- таҳлили самтҳои сармоягузории маблағҳои Хазина ва гузаронидани амалиётҳо тибқи қарору самтҳои асосии аз тарафи Кумита ҷорӣ кардашуда ва меъёрҳою ҳадафҳои мақсадноки аз тарафи Шӯрои нозирон тасдиқшуда;

- баҳодиҳии вазъи бозор ва вобаста ба он пешниҳоди таклифҳо ба Кумита ҷиҳати мавқеъгирии ҷорӣ ва стратегӣ;

- ба Раиси Хазина оид ба мавқеъ ва таркиби сандуқи сармоягузорӣ ҳисобот пешкаш менамояд;

- пешниҳоди таклифҳо ба Кумита оид ба таҷдиди назар намудани мақсадноки ҷойгиркунии дороиҳо ва меъёрҳои он (лимит).

б) мутахассиси соҳаи идоракунии хавфҳо, ки уҳдадориҳои зеринро дорад:

- баҳодиҳии хавфҳои сармоягузорӣ ва пешниҳоди чораҳо ҷиҳати кам намудани хавфҳо;

- омода намудани ҳисоботҳо оид ба хавфҳо ҷиҳати риояи меъёрҳо ва ҷойгиркунии мақсадноки дороиҳо барои Раиси Хазина, Кумита ва Шӯрои нозирон;

- таҳияи ҳисобот оид ба фаъолияти хавфи баланд дошта дар раванди сармоягузорӣ барои Раиси Хазина ва Кумита;

- пешниҳоди ҳисобот оид ба риоя гардидани Сиёсати сармоягузорӣ ба Раиси Хазина;

- баррасии тартиб ва Сиёсати сармоягузорӣ ва таклифи пешниҳодҳо ба Кумита ҷиҳати таҷдиди назар намудани он.

в) мутахассиси муҳосибот, ки уҳдадориҳои вазифавии зеринро дорад:

- таъмини саривақтии ҳисоботдиҳӣ ба Раиси Хазина оид ба натиҷаҳои фаъолияти сармоягузории Хазина;

- оид ба пардохтҳо ва баҳисобгирии муносиби амалиётҳо, ки бо фаъолияти сармоягузорӣ ва идораи сандуқ алоқамандаnд, масъулият дорад;

- ба Раиси Хазина, Кумита ва мутахассиси соҳаи сармоягузорӣ оид ба маблағҳои дастрасбудаи Хазина, муҳлати пардохти маблағҳои асосӣ ва пардохтҳои фоизии воситаҳои молиявӣ маълумот пешниҳод менамояд;

- ҳисоботҳои аз ҷониби мутахассиси сармоягузор ба Раиси Хазина пешниҳодшударо мавриди тафтиш ва тасдиқ қарор медиҳад.

## 6. Тамаркуз ба як дороӣ ва қабули қарор оид ба аҳдҳои калон

15. Тамаркуз ба як дороӣ метавонад ба самаранокии портфел таъсири назаррас расонад ва метавонад ба гирифтани даромади баланд оварда расонад, агар ин дороиҳо натиҷаҳои хуб нишон диҳанд. Аммо, он инчунин метавонад хавфҳои минбаъда, ба монанди хавфҳои бозорӣ, қарзӣ, пардохтпазирӣ ва дигар хавфҳои алоҳидаро ба вуҷуд орад.

16. Тамаркуз ба як дороӣ маънои амалияи сармоягузорӣ кардани маблағи калонро ба як дороӣ (масалан, вомбарг) дорад ва қисми зиёди портфели сармоягузорӣ як дороии мушаххас ё сармоягузориҳоро дар бар мегирад.

17. Ҳар як сармоягузорӣ ё аҳд, ки аз ҳадди муқаррарнамудаи банди 18 зиёдтар аст, ҳамчун аҳди калон ҳисобида мешавад, ки баррасӣ ва қабули қарори алоҳидаро талаб мекунад.

18. Бо назардошти ин бо мақсади қарорҳои стратегӣ Хазина метавонад ҳар яке аз ҳудуди муқарраршудаи зеринро барои аҳдҳои калон ва сармоягузорӣ истифода барад:

- ҳудуди монетарӣ: ҳар кадом сармоягузории ҷудогона, ки аз маблағи эквиваленти 5 миллион доллар зиёд аст;

- ҳудуди фоизӣ: ҳар кадом сармоягузории ҷудогона, ки аз 15 фоизи арзиши умумии портфели дороиҳои Хазина дар лаҳзаи аҳдбандӣ зиёд аст.

19. Кумитаи сармоягузорӣ дар қабули қарорҳо ва тасдиқи минбаъдаи сармоягузорӣ ё аҳдҳои калон нақши муҳим мебозад. Кумита масъул аст барои:

- баррасии хавфҳои калон: арзёбии сармоягузориҳои пешниҳодшуда, ки аз ҳадди муқарраршуда зиёдтаранд ё дорои хавфи баланд ҳисобида мешаванд. Ин таҳқиқи амиқи пешниҳодҳои муфассали сармоягузориро, аз ҷумла таъсири эҳтимолии онҳоро ба портфел пешбинӣ менамояд;

- раванди тасдиқ: таъмини тасдиқи сармоягузориҳои калон дар асоси таҳлили дақиқ ва мувофиқат ба ҳадафҳои стратегии Хазина.

20. Меъерҳои тасдиқ: ҳангоми баррасии сармоягузориҳои калон ё хавфҳо, кумита якчанд омилҳоро ба назар мегирад:

- мутобиқат ба ҳадафҳои сармоягузорӣ: сармоягузорӣ ба ҳадафҳои дарозмуддат ва биниши стратегии Хазина мувофиқ буда, онро дастгирӣ мекунад.

- ҷоизнокии хавф: арзёбии он, ки оё сармоягузорӣ ба доираи иштиҳои хавфии Хазина мувофиқат мекунад. Ин дар навбати худ арзёбии хавфҳои эҳтимолӣ, аз қабили хавфи бозорӣ, хавфи қарзӣ, хавфи пардохтпазирӣ ва хавфи амалиётиро дар бар мегирад;

- таҳлили ҳамаҷонибаи сармоягузорӣ (due diligence): омӯзиши тамоми ҳуҷҷатҳои дахлдор, аз ҷумла арзёбии хавфҳо, дурнамои молиявӣ ва мутобиқати стратегӣ.

### 7. Ҳамкорӣ бо контрагент дар самти идоракунии маблағҳои асъорӣ

21. Хазина бо мақсади таъмини раванди самараноки сармоягузорӣ метавонад бо контрагенти салоҳиятдор (Бонки миллии Тоҷикистон, иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва ё ташкилоти идоракунандаи дороиҳои асъорӣ) ба сифати идоракунандаи берунаи қисми сандуқи дороиҳои асъории Хазина ҳамкорӣ намояд.

22. Контрагент ваколат ва салоҳияти ихтиёрии сармоягузорӣ намудани маблағҳои асъории Хазинаро доро буда, он дар доираи самтҳои сармоягузорӣ ва ҳудудҳои хавф, ки аз ҷониби Шӯрои нозирони Хазина тасдиқ шудааст, амалӣ карда мешавад.

23. Контрагент ва Хазина ҷойгиркунии мақсадноки дороиҳо ва қарорҳои қабулшударо оид ба сармоягузорӣ ҳамоҳанг месозанд.

24. Муносибатҳои мазкур дар асоси Созишнома оид ба хизматрасонӣ, ки байни Хазина ва контрагент ба имзо расонида мешавад, амалӣ карда мешавад.

25. Хазина барои хизматрасонӣ ҳаққи хизмат пардохт менамояд.

### 8. Арзёбӣ ва идоракунии хавфҳо

26. Ба маблағҳои (сандуқи сармоягузории) Хазина асосан хавфҳои амалиётӣ ва хавфҳои бозорӣ метавонанд таъсир расонанд.

27. Хавфи амалиётӣ ин эҳтимолияти зарар дидан аз амали қасдан ё ғайриқасдан содиршудаи кормандон ва ё тарафҳои сеюм мебошад, ки ба талафи дороиҳо ё нуфузу эътибори Хазина оварда мерасонад.

28. Барои баҳодиҳии эҳтимолияти ба вуҷуд омадани хавфи амалиётӣ низоми арзёбии сифатӣ (хулосаи аудитор, назорати дохилӣ ва аудити дохилӣ)

ва миқдории нишондиҳандаҳо (маълумот дар бораи ҳаҷм, гардиш ва зиён, сатҳи хавфи фаъолият ва даромаднокӣ) истифода бурда мешавад.

29. Назорати дохилӣ бояд воситаи асосии идоракунии хавфи амалиетӣ ва пешгирии хавфҳои эҳтимолӣ бошад.

30. Хазина раванди идоракунии хавфҳои амалиётиро дар асоси барпонамоии сохтори ташкилии муносиб ва расмиёти дохилӣ бо такя ба мутахассиси касбӣ ба роҳ мемонад.

31. Хавфи бозорӣ ин эҳтимолияти зарар дидан аз тағйирёбиҳои номусоиди нархи воситаҳои молиявӣ, меъёрҳои фоизии бозорӣ, қурби асъор ва ғайра мебошад, ки Хазина бояд онҳоро назорат намояд.

32. Хавфи меъёри фоизӣ - хавфи тағйирёбии арзиши сандуқи сармоягузорӣ бинобар тағйир ёфтани меъёрҳои фоизӣ ё худ каҷхатаи даромаднокӣ мебошад.

Хавфи мазкур бояд тариқи муқаррар кардани меъёрҳои ҷойгиркунии мақсаднок барои муайян кардани сабад ва муҳлати пардохти воситаи молиявӣ (масалан, 20 фоизи маблағҳои асъории бо доллари ИМА бояд дар сегменти муҳлати пардохташ аз 3 то 5 сола бошад) ё ин ки тариқи муқаррар кардани муҳлатнокии ҳадди аксар (максималӣ) барои ягон воситаи молиявӣ ё сегменти сандуқи сармоягузорӣ (масалан, муҳлатнокии сандуқи асъорӣ бо доллари ИМА ифодаёфта бояд камтар аз 3,5 сол бошад) идора карда шавад.

33. Хавфи асъорӣ - хавфи поёнравии арзиши дороиҳои дар сандуқи Хазина буда, ки бо асъори хориҷӣ инъикос ёфтааст бинобар сабаби тағйир ёфтани қурби асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ мебошад.

Ҳамзамон, хавфи асъорӣ - ин хавфи коҳишёбии арзиши ҳақиқии дороиҳои дар сандуқи Хазина буда нисбат ба уҳдадориҳои потенсиалии Хазина дар назди пасандоздорони суғурташуда мебошад, ки дар натиҷаи тағйирёбии қурби пули миллӣ нисбат ба пасандозҳои асъории суғурташуда ба вуқуъ омадааст.

34. Хавфи асъорӣ бинобар долларишавии (долларизатсияи) пойгоҳи пасандозӣ дар низоми молиявии Тоҷикистон, бо мақсади кам намудани хавфи уҳдадориҳои имконпазирӣ (потенсиалии) Хазина нисбат ба пасандозҳои суғурташуда бо асъори хориҷӣ, идора карда мешавад.

35. Хавфҳои асъорӣ тавассути меъёрбандии (лимитикунонии) сатҳи минималӣ ва максималии таъсири номатлуби қисмати асъории сандуқи сармоягузории Хазина идора карда мешаванд.

36. Сохтори мақсадноки сандуқи асъорӣ бояд бо мақсади пайгирии сохтори таркиби асъор, ки (қисми суғурташуда) тамоми ӯҳдадориҳои эҳтимолии Хазинаро барои пасандозгузорони суғурташуда фаро мегирад (масалан, ҷудо кардани маблағҳои мақсаднок ба андозаи 55 фоиз бо сомонӣ, 40 фоиз тақсимоти мақсаднок бо доллари ИМА, тақсимоти мақсаднок 5 фоиз бор рубли русӣ) муқаррар карда шавад.

37. Хавфи қарзӣ. Эҳтимолияти коҳиши арзиши сандуқ дар натиҷаи сар задани ҳолатҳои ғайричашмдошт, ки бо эмитент вобастагӣ дорад. Хавфи қарзӣ эҳтимолияти онро, ки эмитенти муайян уҳдадориҳои ояндаи худро аз рӯи

пардохти фоиз ва маблағи асосӣ дар вақти фаро расидани мӯҳлати пардохти он ичро намекунад, инъикос менамояд.

38. Хазина хавфҳои қарзиро тавассути сармоягузории дороиҳои худ танҳо ба дороиҳое, ки ҳамчун воситаҳои мақбули сармоягузорӣ муайян шудаанд, аз ҷумла ба коғазҳои қиматноки давлатӣ ва коғазҳои қиматноки бонки марказӣ (миллӣ), идора менамояд.

39. Барои идоранамоии хавфи қарзӣ, Хазина бояд принсипи диверсификатсияи сандуқро аз рӯи эмитентҳо риоя намояд.

40. Хавфи пардохтпазирӣ. Ин ғайриимкон будани қонеъгардонии талаботҳои интизоршаванда ва ғайричашмдошт бо пардохтпазирӣ дар ҳолатҳои зарурӣ мебошад. Хавфи мазкур инчунин метавонад дар натиҷаи мушкилии фурӯш ё хариди саривақтии дороӣ пайдо шавад.

41. Хавфи пардохтпазирӣ бо роҳи сармоягузорӣ ба воситаҳои молиявии бозоргир ё пардохтпазир идора карда мешавад ва бо вақти муайян кардани пардохтпазирии сандуқи сармоягузорӣ андозагирӣ карда мешавад.

42. Хазина хавфи пардохтпазириро бо дарназардошти баҳодиҳии эҳтимолияти ба миён омадани ҳолати суғуртавӣ тариқи муқаррар намудани ҳадафҳо барои пардохтпазирии сандуқи сармоягузорӣ, идора менамояд.

43. Воситаҳои молиявии пардохтпазир воситаҳое мебошанд, ки мӯҳлати боқии пардохти онҳо то 3 моҳро ташкил диҳад ё ин ки дарҳол дар бозори дуюмдараҷа бе талафот ё бо талафоти ками арзиш фурӯхта шаванд.

## 9. Сатҳи ҷоизи хавф. Ҷойгиркунии дороиҳо ва меъёрҳои он

44. Шӯрои нозирон механизми идоракунии хавфҳоро тавассути ҳудудҳои (лимитҳои) тасдиқшудаи хавфҳо муайян мекунад ва ҷойгиркунии мақсадноки дороиҳо ва принсипҳои он, аз ҷумла таҳаммулпазирӣ ба хавфҳои бозорӣ, хавфи контрагентҳо, таҷаммуъ, пардохтпазирӣ, хавфҳои амалиётӣ ва қарзиро тасдиқ мекунад.

45. Ҳар як ҳудуд (лимит) ва ҷойгиркунии намуди дороиҳо бояд ҳадафи дарозмуддат ё мавқеи стратегиро дар сандуқи умумии сармоягузорӣ, инчунин ҳудудҳои максималӣ ва минималиро, ки ба идоракунандагон имконияти тағйирдиҳии тактикиро ҳангоми амалинамоии имкониятҳои сармоягузорӣ медиҳад, дошта бошад. Ҳамаи ҳудудҳо (лимитҳо) ва ҷойгиркунии намуди дороиҳо ба арзиши бозорӣ дохил мешаванд.

## 10. Талабот ба раванди сармоягузорӣ

46. Меъёрҳои хавф ва дараҷаи тамоюл (отклонение) аз ҳадафи ҷойгиркунии мақсадноки дороиҳо мунтазам аз тарафи Шӯрои нозирон таҷдид ва қабул карда мешаванд.

47. Ҳадафи ҷойгиркунии мақсадноки дороиҳо аз тарафи Шӯрои нозирон на камтар аз як маротиба дар як сол таҷдид ва қабул карда мешавад.

48. Дастури сармоягузорӣ ва маҳдудиятҳо барои контрагент ҳамчун идоракунандаи берунии дороиҳои Хазина аз ҷониби Шӯрои нозирон на камтар аз як маротиба дар як сол муқаррар карда мешаванд.

49. Ҷалби идоракунандаи берунии дороиҳои Хазина тавассути интихоб ва пешниҳоди Хазина ба Шӯрои нозирон барои баррасӣ ва тасдиқи контрагенти дахлдори касбӣ ҷиҳати идоракунии қисмате аз сандуқи дороиҳои хориҷӣ сурат мегирад.

50. Пас аз тасдиқи контрагент аз ҷониби Шӯрои нозирон, ба Хазина ваколати имзо кардани шартномаи мувофиқ бо контрагент дода мешавад, бо назардошти талабот оид ба супоришҳои техникӣ, ки шартҳои ҳамкорӣ ва идоракунии як қисмати сандуқи дороиҳои хориҷии Хазинаро муайян мекунад.

51. Ҳисобот оид ба идоракунии хавфҳо на камтар аз як маротиба дар се моҳ аз тарафи мутахассиси идоракунии хавфҳо ба Раиси Хазина ва Шӯрои нозирон пешниҳод мегардад.

52. Ҳисобот оид ба идоракунии хавфҳои амалиётӣ мунтазам ба Кумита ва Раиси Хазина пешниҳод мегардад.

53. Ҳисоботи молиявии амалиётӣ ҳар моҳ аз ҷониби муҳосиб омода гардида, ба Раиси Хазина пешниҳод мешавад.

54. Ҳисобот оид ба сармоягузорӣ аз ҷониби мутахассиси сармоягузорӣ ҳар ҳафта ба Раиси Хазина ва на камтар аз як маротиба дар як моҳ ба Кумита пешниҳод мешавад.

55. Раиси Хазина ҳисоботро оид ба сармоягузорӣ ба Шӯрои нозирон на камтар аз ду маротиба дар як сол аз рӯи масъалаҳои ба Сиёсати сармоягузорӣ дахлдор, аз он ҷумла мавқеъҳо, риояи меъёрҳо ва тақсимоти хавфҳо, ҷойгиркунии дороиҳо, идоракунии хавфҳо, таклифҳо оид ба тағйиру иловаҳо, пешниҳод менамояд.

## 11. Нишондиҳандаи назоратии самаранокӣ

56. Идоракунии сандуқи сармоягузории Хазина мунтазам аз тарафи Шӯрои нозирон мавриди баҳодиҳӣ қарор дода мешавад.

57. Баҳодиҳӣ бояд бо назардошти муқоисаи самаранокии сандуқи сармоягузории умумӣ нисбат ба меъёри намунавии (бенчмарк) сармоягузорӣ гузаронида шавад.

58. Нишондиҳандаи назоратӣ барои қисмати сандуқ бо сомонӣ бояд бо арзёбии воқеӣ, яъне бо таваррум, ҳамчун нишондиҳандаи миёнаи таварруми аслӣ дар се сол андозагирӣ карда шавад ё бо меъёри БМТ аз рӯи коғазҳои қиматноки кӯтоҳмуддат ё бо дигар нишондиҳандаи бозорӣ, ки аз ҷониби Шӯрои нозирони Хазина муқаррар шудааст. Нишондиҳандаи назоратӣ барои қисмати дигари сандуқ бо асъори хориҷӣ бо меъёрҳои миёнаи кӯтоҳмуддати намунавӣ, ба монанди SOFR ва EURIBOR андозагирӣ карда мешавад.

## 12. Ҳисоботи молиявӣ

59. Раиси Хазина ҳар сол ҳисоботи молиявии аз ҷониби аудит тасдиқшуда ва ҳисоботи сармоягузорӣ оид ба фаъолияти Хазинаро барои тасдиқи Шӯрои нозирон мутобиқи талаботи қисми 3 моддаи 11 Қонун омода ва пешниҳод менамояд.

60. Хазина барои маълумотҳои оморӣ ҳисоботҳоро бо пули миллӣ пешниҳод менамояд. Дар мавриди баҳогузории хавфҳои асъории маблағҳои Хазина ҳисобот бо асъори хориҷӣ низ пешниҳод карда мешавад.

### 13. Истисно ба сиёсати сармоягузорӣ

61. Дилхоҳ истисно ба Сиёсати сармоягузории мазкур метавонад иҷозат дода шавад, агар он аз ҷониби Шӯрои нозирон маъқул дониста шуда, ба вазъи бозор мувофиқ бошад.

### 14. Таҷдиди сиёсати сармоягузорӣ

62. Вобаста ба пешравии иқтисодиёт ва дигар омилҳо ба Сиёсати сармоягузорӣ тағйиру иловаҳо ворид карда мешавад. Тағйиру иловаҳо ба Сиёсати сармоягузории мазкур бояд аз ҷониби Шӯрои нозирон қабул карда шаванд.

**Замимаи №1**

Ҷойгиркунии мақсаднок аз рӯи сохтори асъории сандуқ

*Тибқи арзиши бозорӣ дар санаи ҳисоботӣ*

| Таркиби асъорӣ | Ҷойгиркунии стратегӣ ё мақсаднок (бо %) | Дараҷаи тамоил аз мақсад (бо %) | |
|---|---|---|---|
| | | Ҳудуди поёнӣ | Ҳудуди болоӣ |
| Сомони | 55 | 40 | 70 |
| Асъори хориҷӣ (сабати СДР) | 45 | 30 | 60 |

**Замимаи № 2**

А. Ҷойгиркунии мақсадноки дороиҳо бо асъори хориҷӣ (доллари ИМА)

*Тибқи арзиши бозорӣ дар санаи ҳисоботӣ (намуна)*

| Восита | Ҷойгиркунии стратегӣ ё мақсаднок (бо %) | Дараҷаи тамоил аз мақсад (бо %) | |
|---|---|---|---|
| | | Ҳудуди поёнӣ | Ҳудуди болоӣ |
| Пули нақд, суратҳисоб дар БМТ, доллари ИМА | 20 | 10 | 50 |
| Коғазҳои қиматноки Ҳукумати ҶТ дар хориҷи кишвар бо доллари ИМА баровардашуда | 10 | 0 | 30 |
| Векселҳои хазинадории ИМА | 30 | 0 | 50 |
| Коғазҳои қиматноки ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ | 10 | 0 | 30 |
| Коғазҳои қиматноки дигар давлатҳои пешрафта (тараққикарда) | 30 | 0 | 50 |

**Замимаи № 3**

А. Ҷойгиркунии мақсадноки дороиҳо бо пули миллӣ

*Тибқи арзиши бозорӣ дар санаи ҳисоботӣ (бо назардошти дастрас гардидани воситаҳои молиявӣ дар оянда)*

| Восита (бо сомонӣ) | Ҷойгиркунии стратегӣ ё мақсаднок (бо %) | Дараҷаи тамоил аз мақсад (бо %) | |
|---|---|---|---|
| | | Ҳудуди поёнӣ | Ҳудуди болоӣ |
| Пули нақд, суратҳисоб дар БМТ | 10 | 5 | 30 |
| Векселҳои давлатии хазинадорӣ ва вомбаргҳои Вазорати молия (то як сол) | 60 | 30 | 80 |
| Коғазҳои қиматноки Ҳукумати ҶТ то 3 сол | 30 | 10 | 50 |